**Тақризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924 - 2024)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.00 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология). – Душанбе, 2025. – 199 саҳ.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.07 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.00 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология) комилан мутобиқ мебошад. Чунки дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни расму анъанаҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон яке аз вазифаҳои асосии аҳли зиё, бахусус муаррихон эҳё намудани арзишҳои воло, расму ойини неки ниёкони тоҷикон мебошад. Барои ба ин мақсад ноил шудан мо бояд бо тамоми ҷузъиёташ расму ойини мардуми ҳар як минтақаи Тоҷикистонро омӯзем, расму анъанаҳои аз байн рафта ва дар ҳоли фано қарор гирифтаро умри дубора бахшем. Ин корро мо дар ҳоле карда метавонем, ки аз таърихи пурғановати худ ба таври комил ошноӣ дошта бошем. Омӯзиши махсусиятҳои таърихию фарҳангии ҳар як минтақаи кишварамон имконият медиҳад, ки ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар паҳлуҳои зиндагии ба таври комил таҳқиқнашудаи халқамонро таҳқиқ намуда, беҳтарин анъанаҳоямонро ба насли имрӯзаву ояндаи худ ва ҳамзамон ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара дорои анъанаҳои ба худ хоси фарҳангию адабӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ин лиҳоз омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангии он барои боз ҳам такмил ёфтани ошноии комил ба дирӯзу имрӯзи таъриху тамаддуну фарҳанги миллати тоҷик мебошад.

Паҳлуи дигари аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф равобит ва пайванди иҷтимоиву фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар мисоли мардуми ноҳияи Данғара ба дигар манотиқи кишварамон аз нигоҳи мардумшиносӣ ба таври муфассал мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода, ҳамгироии онҳоро дар тӯли сад соли охир ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Навгониҳои илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф. Аз ҷумлаи навгониҳои илмии диссертатсия метавон ба чунин мавридҳои муҳим ишора намуд: бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашидани расму анъанаҳо ва бизимҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара; ба таври мушаххас ва мукаммал мавриди таҳқиқ қарор донаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара; муайян намудани ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳияи мазкур; мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додани таҷлили ҷашни Наврӯз ва анъанаҳои хоси он дар ин ноҳия; омӯзиши баргузории ҷашни арӯсӣ, маросими таваллуди кӯдак, расму русуми мурдадорӣ, хусусиятҳои хос ва умумияти бозиҳои мардумии ноҳия бо дигар манотиқи Тоҷикистон ва ғайра. Саҳми муаллиф боз дар он ифода меёбад, ки вай ҳангоми иҷрои корҳои таҳқиқотӣ бо ашхоси зиёди сокинони калонсоли ноҳияи Данғара мулоқот намуда ва мусоҳибаҳо анҷом дода, лаҳзаҳое аз маросимҳои гуногунро аксбардорӣ намудааст.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми мардумшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида ва дорои арзишҳои назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Диссертатсияи мазкур бори аввал ба таври мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳзои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара маъмуланд, маълумоти муфассал додааст. Дар асоси пажуҳиши ҳамаҷониба муаллиф нуктаҳои зеринро ба ҳимоя пешниҳод намудааст: ҷашну маросимҳои мардумӣ як бахши хеле муҳимми ҳаёти анъанавии тоҷикон, аз ҷумла бошандагони ноҳияи Данғара мебошанд; маросимҳои мардумӣ ба ҳайси фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти оммаро ба ҳам мепайванданд; анъанаҳо хислатҳои руҳии миллат ва ё

гурӯҳи қавмҳои фарҳангашон бо ҳам наздикро инъикос мекунанд; бозиҳои бачагона аз таъриху фарҳанги мардум маншаъ гирифта, дар ташаккули шуури миллӣ нақши бориз доранд.

Саҳми шахии муаллиф дар интихоби мавзуъ, таҳияи методологияи мушаххаси таҳқиқот, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ба онҳо басо назаррас мебошад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия. Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмии олимони риштаҳои таърихшиносӣ ва мардумшиносӣ, ҳамчунин фолклоршиносону ҷомеашиносони даврони шуравӣ ва соҳибистиқлолии кишварамон ташкил дода, муаллиф ҳангоми таълифи диссертатсия аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳслили иҷтимоӣ – таърихӣ, мушоҳидавӣ, мусоҳиба истифода намуда, хулосаҳои худро аз рӯйи мантиқ ва далелҳои қавӣ асоснок намудааст. Тавсияҳои дар охири рисола ифодаёфта ҷанбаҳои воқеии масъалаи таҳқиқшавандаро фаро гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ пешниҳод намудааст. Аз ошноӣ бо матни диссертатсия ва автореферат метавон ба хулосае омад, ки хулосаю тавсияҳои дар рисола ифодаёфта асоснок, муътамад буда, қобили истифода мебошанд.

Сохтори илмии диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо иборат буда, пайвастагии мантиқии байни қисмҳои он пурра таъмин шудааст. Дар ҳар як боб масъалаҳои марбут ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара таҳлили ҳамаҷониба ёфтааст.

Муқаддимаи диссертатсия яке аз қисмҳои асосии мавзуъ маҳсуб ёфта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонаҳои мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, асосҳои методологӣ, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, саҳми шахсоии довталаб дар таҳқиқ ва ғайра муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия “Ҷанбаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва таҷлили ҷашнҳо дар ноҳияи Данғара” номгузорӣ шуда, дорои ду зербоб мебошад. Дар зербоби якуми боби якум, ки “Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ” номид ашудааст, мавқеи ҷуғрофӣ, иқлим, тақсимоти маъмурӣ, омӯзиши таърихи ноҳия аз чониби бостоншиносон, маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, маълумоти сайёҳони рус ва вазъи кунунии Данғара ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки “Анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ” номида шудаст, вижагиҳои ҷашни Наврӯз аз қабили сафед кардани хонаҳо, қаққошии деворҳои хона, хонатакконӣ, пӯшидани либоси наву тоза, баргузории маросими аловпарак, гулгардонӣ, густурдани хони наврӯзӣ, омода намудани хӯрокҳои наврӯзӣ, аёдати калонсолон, бозиҳои наврӯзӣ, идгардакӣ занҳо, ашаглон (сусхотун), пухтани суманак ва ғайра мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирфтааст.

Боби дуюми диссертатсия “Маросимҳои анъанавии мардумӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара” дар се зербоб таълиф шудааст. Зербоби якуми боби дуюм “Ҷашни арусӣ дар ноҳияи Данғара”ҳовии маросимҳое аз қабили синну соли никоҳӣ, гавҳорабахш, ақди никоҳ дар байни хешу табори наздик, интихоби арӯс, хостгорӣ, фотиҳа, хонадомод ва дигар маросимҳо буда, ҳамаи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия зери унвони “Маросими таввалуд” номгузорӣ шуда, дар он маросимҳое аз қабили ҳайдагирон, номгузорӣ, чиллабарорӣ, гавҳорабарӣ, муйсаргирон, хатнасур ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия зери унвони “Расми азодорӣ” иншо шуда, фарогири маросимҳое аз қабили омода намудани майит ба маросими ҷаноза, намудҳои анъанавии нишон додани мусибат, тариқи ғусли майит, кафан кардан, омодагии аҳли маҳал ё деҳа ба маросими ҷаноза,

баргузории маросими ҷаноза, кандани қабр, маросимҳои пас аз марг ва ғайра мебошад.

Боби сеюми диссертатсия зери унвони “Бозиҳои бачагона ва варзиши суннатӣ дар ноҳияи Данғара” дар ду зербоб таълиф гаштааст. Зербоби якум бо номи “Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ” иншо шуда, дар он бозиҳое аз қабили бузкашӣ, гуштингирӣ, бандкашӣ бо гардан, байрақгирак, сарҳадгузарӣ, аскарбозӣ, рустшавакон, миёнадарояк, чиликдангал, “тарзанбозӣ”, адмирно, ланкабозӣ, тухмбозӣ, дастхобонӣ, арғунчакбозӣ, барфӣ, лағжонакбозӣ, гулбазм, тубуқбозӣ ва ғайра мавриди таҳлилу баррасӣ ва пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия “Бозиҳои бачагонаву наврасон” фарогири муаррифии бозиҳои “тути тал”, хоначабозӣ, лухтакбозӣ, гулакбозӣ, тоқипартояк, зоғ парид, арғамчинбандон, чашмбандак, сангчлибозӣ, буҷулбозӣ, “саққобозӣ”, подшоҳбозӣ (почовазир), “дурра дар мех” (драдармех), макмакбозӣ, саворон савор ё пиёдаҳо, колхозбозӣ, ғулакбозӣ ва ғайра буда, ҳар кадоме аз ин бозиҳо ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудаанд.

Мутобиқати тахассуси довталаб ба дараҷаи илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтиоси 07.00.00 - илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология) дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Хуллас, сохтор, ҳаҷм ва мазмуни асосии диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924 - 2024)” ба талаботи муайяншудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Мазмуни автореферат ба диссертатсия комилан мувофиқ буда, муҳтавои умумии диссертатсияро дар бар мегирад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи

диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, 2 китоб аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Салимзода Ф.Ф. фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулоаҳои мушахас дар охири зербоб ва таърлифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Сарфи назар аз сатҳи илмӣ ва арзиши муҳимми кори таткиқотӣ, якчанд нуқтаҳоро барои такмили рисола метавон пешниҳод кард.

1. Бо вуҷуди истифодаи васеи маълумотҳо ва истинод ба сарчашмаҳои гуногун, муаллиф на ҳамеша ин маълумотҳоро дар заминаи муқоисаи байниноҳиявӣ ва минтақавӣ ҷой додааст. Муносиб мебуд, ки натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада бештар дар муқоиса бо дигар ноҳияҳои ҳамсарҳад тавсиф мегардиданд, то хусусият ва фарқияти воқеии ноҳия аз ноҳияҳои ҳамҷавор равшантар баён мегардид. Агар муаллиф на танҳо расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара, балки кулли минтақаи Кӯлобро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор медод, боз ҳам беҳтар мебуд. Чунки бароҳатӣ метавонист шабоҳат ва тафовутҳои расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлобро бо дигар манотиқи таърихии ҷумҳуриямон ба таври бояду шояд нишон диҳад.

2. Диссертатсия фарогири сад сол (солҳои 1924-2024) буда, ду давраи муҳим – замони шӯравӣ ва давраи истиқлолро фаро мегирад, ки муаллиф онҳоро ҷудогона хуб тавсиф кардааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавии муфассал байни ин ду давра (аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) кам ба чашм мерасад. Агар диссертант онро боз ҳам возеҳу равшантар нишон медод, метавонист арзиши илмии корро боз ҳам боло барад.

3. Тавре, ки дар фавқ ишора намудем, диссертатсия фарогири 3 боб ва 7 зербоб буда, ҳамаи зербобҳо дорои хулосаҳои мухтасаранд, аммо ягон боби рисола хулоса надорад. Ба назари мо бояд ҳар як боби рисола хулосаи нисбатан муфассале дошта бошад.

4. Дар байни солҳои 2021-2023 муаллиф ҳангоми таҳияи рисола бо одамони бузургсоли ноҳияи Данғара мулоқотҳо ва мусоҳибаҳо доир намудааст. Бархе аз ин мулоқотҳо, мусоҳибаҳо дар руйхати адабиёти

истифодашуда бидуни таърих оварда шудаанд. (Номгӯи адабиёти № 213, 217, 221, 236, 244, 246, 259).

4. Ҳам дар диссертатсия ва ҳам дар автореферат иштибоҳи забонӣ ва фаннӣ (техникӣ) ҷой доранд. (ниг. Ба саҳ. 3, 12, 17, 28, 30, 35, 44, 75, 125, 126, 147 ва ғ).

   Аммо ин нуқсонҳо ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ диссертатсияи Салимзода Ф.Ф. таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, бо мақсад, вазифа ва методологияи мушаххас, манбаъҳои асоснок ва натиҷаҳои илмии қобили таваҷҷуҳ омода гардидааст. Диссертант аз уҳдаи таълифи рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих баромадааст.

Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мазуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ  дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924 - 2024)” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 -35 – и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисосҳои 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ доктори илмҳои
таърих, профессори кафедраи
таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Расулиён Қ.Р.

Имзои Расулиён Қ.Р. – ро тасдиқ
мекунам Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

09.12.25